«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло

_______________

«6» апрели соли 2026»

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор – аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология.**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи **«Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор – аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология ба талаботи мавҷуда мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рӯзмарагии мавзуъ дар он зоҳир мешавад, ки айни замон шумораи зиёди оилаҳои тоҷик бо сабабҳои гуногун рӯ ба ҷудошавӣ овардаанд ва он дар навбати худ омӯзиши махсуси психологиро талаб мекунад. Воқеияти имрӯза дар ҳаёти инсон бо мавҷудияти дигаргуниҳои куллӣ ва зудтағйирёбанда буданаш тавсиф мешавад. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар назди ҷомеаи имрӯза гузошта шудааст – ин бунёди ҷамъияти нав мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан тамоми рукнҳои ҷомеаро инкишоф додан лозим аст,

зеро оила ҳамчун рукни асосию ибтидоии ҷомеа маҳсуб меравад ва он имрӯзҳо ба солимгардонии психологӣ ниёз дорад.

Омори солҳои охир нишон медиҳад, ки теъдоди вайроншавии оилаҳо рӯ ба тамоюли зиёдшавӣ дорад. Ин далолат бо он мекунанд, ки барои пойдор кардани оилаи имрӯза корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим мешавад. Илми психология дар баробари дигар илмҳо метавонад дар ҳалли ин масъалаи муҳим нақши хоссаро бозад.

Таҳқиқ ва омӯзиши ҳолатҳои эмотсионалӣ дар психологияи муосир махсусан муҳим аст, зеро функсияи муттаҳидкунандаи ҳолатҳо ягонагии психикаро таъмин намуда, дар натиҷа сохтори психологии шахсият ташаккул меёбад, ки хосиятҳо, ҳолатҳо, равандҳо ва робитаҳои байниҳамдигарии онҳоро фаро мегирад. Барои амалияи психологӣ, аҳаммияти тадқиқот оид ба ҳолатҳои равонӣ бо таъсири онҳо ба самаранокии тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсон вобаста аст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар мавзуи **«Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** кори илмӣ ва саривақтӣ буда, яке аз масъалаҳои муҳими шароити муосир ба шумор меравад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот дар мавриди таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон роҳҳои бартараф намудани мушкилиҳо ва пешгири намудани онҳо. Дар асоси таҳлили маълумоти таҷрибавӣ ва назариявӣ тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Омӯзгорон ва равоншиносони мактабӣ бояд барномаҳои таълимиро бо дарназардошти фарқиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ танзим намоянд. Масалан, барои духтарон бештар фаъолиятҳое пешниҳод шаванд, ки тафаккури вербалӣ ва

эмосионалиро тақвият медиҳанд, дар ҳоле ки барои писарон — таҳлил, мантиқ ва фаъолиятҳои алоқаманд ба ҳалли масъалаҳои фазоӣ бештар аҳамият дода шавад. Таълими инфиродӣ ва дифференсиалии фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ бояд бо дарназардошти когнитивии ҳар ҷинс роҳандозӣ гардад.

2. Мутахассисони соҳаи ташхиси психологӣ метавонанд натиҷаҳои таҳқиқотро барои муайянсозии самтҳои рушд ва дастгирии равонӣ-ҳиссии наврасон истифода баранд. Натиҷаҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои неруи зеҳнӣ дар ҳар ду ҷинс бо усулҳои мувофиқ ташхис ва тақвият ёбанд. Пешниҳод мегардад, ки асбобҳои ташхисӣ (тестҳо, анкетҳо) бо назардошти ҷинс мутобиқ гарданд, то ташхис таъмин гардад.

3. Ташкили маҳфилҳо ва курсҳои иловагӣ бояд ба густариши элементҳои зеҳнӣ (тафаккури мантиқӣ, эҷодкорӣ, хотира, диққат) мутобиқи хусусиятҳои ҷинсии наврасон равона карда шаванд. Масалан, барномаҳо барои духтарон метавонанд фаъолияти эҷодӣ (дебатҳо,театр) ва барои писарон — фаъолиятҳои мушкилкушоӣ (олимпиадаҳои риёзӣ, лоиҳаҳои техникӣ)-ро бештар фаро гиранд.

4. Волидайн бояд огоҳ гарданд, ки сатҳ ва шакли инкишофи лаёқатҳои зеҳнӣ дар духтарон ва писарон метавонад гуногун бошад ва бояд муҳити муносиб барои инкишоф ва дастгирӣ фароҳам оранд. Пешниҳод мегардад, ки машваратҳои равоншиносони мактабӣ бо иштироки волидайн гузаронида шаванд, то тарзи муносибат бо наврас мутобиқи хусусиятҳои лаёқатҳои зеҳнии ӯ танзим гардад.

5. Зарур аст, ки дар курсҳои тайёрии омӯзгорон ва равоншиносон модулҳои таълимӣ дар мавзуи **«Фарқиятҳои ҷинсӣ дар рушди лаёқатҳои зеҳнӣ»** ворид карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи барномаҳои омӯзишии нав дар

сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва такмили ихтисос истифода гарданд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ дар духтарон ва писарон хусусиятҳои хоси ҷинсӣ доранд, ки бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад ба баланд бардоштани сифати рушди когнитивии наврасон ва таъмини инфиродиятнокии таҳсилот мусоидат намояд.

Умуман, кори диссертатсионии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил як кори илмии хуб ва актуалӣ буда, дар он фикру мулоҳизаи илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошад. Пешниҳоди овардашуда аҳамияти илмӣ дошта, метавонад дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта саҳми муносиб гузоранд. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷуҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда хизмат намояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар муқаррароти зерин ифода ёфтанд:

- дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст аз ҷиҳати эмпирикӣ таъсири манфии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон ошкор гардид;
- таҳлили тафриқавии хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасони оилаҳои пурра ва нопурра гузаронида шуд;
- алоқамандии (таносуб) фаҳмиши худи тарбия аз ҷониби наврасон ва хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон муайян гардид;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ҷанбаи муқоисавии омӯзиши масъалаи мазкур барои муайян кардани

таъсири талоқ ба хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон дар оилаҳои пурра ва нопурра имкон медиҳад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бошад дар фаҳмидани хусусиятҳои инкишофи насли наврас дар оилаи нопурра; дар машварати психологӣ ба назар гирифтани хусусиятхои ҷинсии зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасони оилаҳои нопурра ҳамчун механизми психологии бартарафнамоии ҳолатҳои номусоиди эмотсионалӣ; натиҷаҳои таҳқиқот барои машварати психологӣ, педагогӣ, психотерапевтӣ ва кори иҷтимоӣ бо наврасони оилаҳои ҷудошуда манфиатовар буда, метавонад ва дар ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус барои донишҷӯёни ихтисосҳои психология, сотсиология, кори иҷтимоӣ ва психологияи педагогию психологияи иҷтимоӣ нафъовар бошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** эътимоднокӣ ва дурустии натиҷаҳои бадастомада тавассути коркарди омории додаҳо натиҷаҳои ташхис бо истифода аз бастаи барномаи таъминотии SPSS 13.0 таъмин карда шуданд. Барои коркарди маълумотҳои эмпирикӣ усулҳои муосири омори математикӣ истифода шуданд, ба монанди: муқоисаи арзишҳои миёна бо истифода аз t-test Student, коррелятсия ва таҳлили омилҳо.

**Саҳми шахсии довталаб** аз муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб маҳсуб меравад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои калидӣ ва хулосаҳои кори диссертатсионӣ дар 4 мақолаи

дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйиншуда чоп шудаанд. Ҳамзамон, дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ бо маърузаҳо зери унвони **«Ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳамчун зуҳуроти психологӣ», «Хусусиятҳои зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалӣ дар наврасон»** ва **«Исторический взгляд на использование психологических знаний в области семейных отношений»** иштирок ва баромад намудааст. Нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил илман эътироф шуданд ва дорои арзиши илмӣ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия 24 ҷадвал ва 12 диаграммаро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии кор аз 171 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи пажуҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Боби якуми таҳқиқот **«Таҳқиқи назариявии ҷанбаҳои психологии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** аз чор зерфасл иборат буда, он ба таҳлили адабиёти илмӣ бахшида шудааст. Маводи омӯхташуда заминаи назариявӣ-методологии тадқиқоти амалиро ташкил доданд.

Боби дуюми диссертатсия **«Тавсифи методҳои озмоишӣ ва ташкил кардани таҳқиқот»** аз ду зерфасл иборат буда, он ба тавсифи методҳои таҳқиқот ва гурӯҳчинӣ бахшида шудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Таҳқиқи эмпитаҳқиқи эмпирикии таъсири талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон»** аз се зерфасл иборат буда, он ба таҳқиқи ҷанбаҳои ҷинсии таъсири талоқ, робитаҳои байниҳамдигарии ҳолатҳои эмотсионалӣ ва таъсири талоқ ба рушди соҳаи эмотсионалии наврасон бахшида шудааст.

Дар охири ҳар як боб ва зерфаслҳо ба таври возеҳ хулосабарорӣ карда шудааст, ки муҳтаво ва сифати коро баланд бартоштааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ (доктори фалсафа PhD), номзади илм ва доктори илм) таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос намуда, тасавуроти дақиқ дар бораи моҳияти таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаи диссертантро фароҳам меоарад. Натиҷаҳои бадастомада, тавсияву хулосаҳо дар асоси талаботи Комиссия ва Дастурамал ба таври илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин бо диаграммаю ҷадвалҳо ва формулаҳои ҳисобӣ пурра риоя шудааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона

диссертатсия ва автореферати он аз норасоиҳо низ холӣ нест, ки хусусияти ҷузъӣ доранд ва зикри он барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия омори ҷойдодашуда, ба солҳои қаблӣ рабт дошта, хубтар мебуд омори тозаи соли охир истифода бурда шавад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии ба роҳ монда шумораи маҳдуди хонандагон ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар бар мегирад, ки метавонанд асаргузор ба натиҷаҳои таҳқиқот бошанд.

3. Дар диссертатсия таҳлили коррелятсионӣ хуб истифода шуда аст, вале барои нишод додани натиҷаҳо дар шакли айёнӣ плеядаҳои коррелятсионӣ тартиб дода нашудаанд. Хуб мебуд, агар онҳо дар диссертатсия ҷой медоштанд.

4. Диссертатсия инчунин дорои комбудиҳои имлоӣ ва техникӣ мебошад.

Вале камбудиҳои иброздошта ҷузъӣ буда, ба муҳтавои кор таъсир намерасонад ва сатҳи сифати онро коста намегардонанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Бобобекзода Меҳроҷиди Абдуҷалил дар мавзуи «Таъсири психологии талоқ ба зоҳиршавии ҳолатҳои эмотсионалии наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050301 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №276 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷоиниби муассисаи тақризшаванда бо иштироки диссертант Бобобекзода Меҳроҷидини Абдуҷалил дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи умумӣ ва

педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз санаи 28.03.2026 баргузор гашта, тақриз дар ин ҷаласа баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар устодон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -12 нафар, муқобил - нест, бетараф- нест. Қарори ҷаласаи кафедра № 3 аз 28.03.2026.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ - методӣ, мудири кафедраи
психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Саидмирова С.М.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Тураев Ё.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ - методӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Қурбонов Н.

03.04.2026.

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@tgpu.tj, www.tgpu.tj

Имзои С.Саидмирова, Ё. Тураев ва Н.Қурбоновро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.